28. Орлова И.В. Экономико-математические методы и модели: компьютерное моделирование: Учебное пособие.- М.: Вузовский учебник, 2014.- 389 с.

**СОМОНАҲОИ ИНТЕРНЕТӢ:**

**11)** www.president.tj
**12)** www.minfin.tj
**13)** www.nbt.tj
**14)** www.google.ru
**15)** www.nigma.ru
**16)** www.booksiti.net.ru
**17)** www.worldbank.org
**18)** www.yahoo.com
**19)** www.socrat.info
**20)** www.economist.com

**САНАДҲОИ ҲУҚУҚИЮ МЕЪЁРӢ:**

**1)** Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Бонки Миллии Тоҷикистон» **(аз 28 июни соли 2011, № 722);**
**2)** Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти бонкӣ» (**ш. Душанбе, аз 19 майи соли 2009, № 524);**
**3)** Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи танзими асъор ва назорати асъор» (**ш.Душанбе 13 июни соли 2013, №964);**
**4)** Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ташкилотҳои маблағгузории хурд» **(ш. Душанбе, 16 апрели с.2012, № 816);**
**5)** Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи гаравхона (ломбард)». **(ш.Душанбе, 22 июли соли 2013, №992)**;
**6)** Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти бонкии исломӣ». **(ш. Душанбе, 26 июли соли 2014, №1108)**;
**7)** Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи суғуртаи пасандозҳои шахсони воқеӣ» **(ш. Душанбе, аз 2 августи соли 2011, №758)**;
**8)** Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҷамъиятҳои саҳомӣ», (**ш. Душанбе, аз 5 марти соли 2007, №237**);

# ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН

## ФАКУЛТЕТИ МОЛИЯВИЮ ИҚТИСОДӢ

## КАФЕДРАИ ИҚТИСОДИЁТИ ҶАҲОНӢ

Барномаи
таълимии фанни
# Дипломатияи иқтисодӣ
(барои донишҷӯёни ихтисоси 25010300-иқтисодиёти ҷаҳонӣ)

**Душанбе 2022**

## 1. Аннотатсияи фан.

Дар шароити ҷаҳонишавии робитаҳои иқтисодии ҷаҳонӣ, ҷангҳои тиҷоратӣ ва намудҳои гуногуни тахримҳо нақши омилҳои иқтисодӣ дар муносибатҳои байналмилалӣ мунтазам афзуда истодааст. Қудрати таъсирбахши молиявӣ ва иқтисодии ҷамъовардаи кишварҳои пешрафта ҳудуд ва миқёси истифодаи фишангҳои дипломатияи иқтисодиро ба таври назаррас васеъ намуд ва ин маънои истифодаи воситаҳо ва имкониятҳои иқтисодии давлатро барои амалӣ намудани манфиатҳои миллии худ ва расидан ба ҳадафҳои сиёсати хориҷӣ дошта, дар муносибатҳои байналмилалӣ ва иқтисодиёти ҷаҳонӣ пайваста нақши рӯзафзун пайдо карда истодааст. Аз ин рӯ, дипломатияи иқтисодӣ ба як соҳаи нисбатан нави ҷалб кардани кадрҳои баландихтисос ва пайваста баланд бардоштани сатҳи касбияти онҳо ба шумор меравад, ки дар вобанди илмҳои байналмилалии сиёсӣ, иқтисодӣ ва ҳуқуқӣ амалӣ карда мешавад. Вале, мутассифона дар нақшаҳо ва барномаҳои таълимии муассисаҳои таҳсилоти олии кишвар, ки мутахассисони соҳаи байналмилалиро омода менамоянд омӯзиш ва тадриси дипломатияи иқтисодӣ сарфи назар аз он, ки дар шароити муосир нақши омилҳои иқтисодӣ дар муносибатҳои байналмилалӣ бемайлон афзуда истодааст, дар сатҳи зарурӣ роҳандозӣ нашудааст.

Аз ин рӯ, фанни «Дипломатияи иқтисодӣ» барои донишҷӯёни сатҳи бакалаври самти «Иқтисодиёти ҷаҳонӣ» пешбинӣ шудааст. Омӯзиши ин фан ба донишҷӯён дар раванди аз бар кардани дониш дар бораи нақши дипломатияи иқтисодӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ, ҳадафҳо ва вазифаҳои низомҳои иқтисодии ҷаҳонӣ, мавзӯъҳои нави дипломатияи иқтисодӣ, шарикии стратегии байни давлат ва бизнес, муайян кардани ҷой ва нақши дипломатияи иқтисодӣ дар таъмини шароити мусоиди беруна барои рушди кишвар кӯмак менамояд. Фан барои аз тарафи донишҷӯён дарк кардани аҳамияти касби ояндаи онҳо, ҳавасмандии баланди онҳо барои иҷрои салоҳиятҳои касбӣ ва азбарнамоии донишҳои дипломатияи иқтисодӣ нигаронида шудааст. Азхудкунии ин фан дар омодасозии умумикасбии донишҷӯ нақши муҳим дорад. Дар барномаи фан гузаронидани машғулиятҳои лексионӣ, дарси семинарӣ/амалӣ ва омӯзиши мустакилона аз рӯи мавзӯъҳои мубрами модели байнисоҳавии муносибатҳои иқтисодии байналмилалӣ дар назар дошта шудааст.

Дар иртибот бо ин, фанни мазкур дар қатори фанхои касбӣ ҷои махсусро ишғол мекунад. Ин фан инчунин ба донишҷӯён имконият медиҳад, ки ҷаҳонбинии касбии худро васеъ намуда,

донишҳои назариявӣ гиранд ва малакаҳои амалиеро, ки барои таҳлили падидаҳо ва равандҳои сиёсӣ ва иқтисодӣ дар сатҳи миллӣ ва байналмилалӣ заруранд, пайдо намоянд.

**2. Ҳадаф ва вазифаҳои омӯзиши фан.**

Ҳадаф омӯзиши фан аз тайёр кардани мутахассисони донандаи асосҳои дипломатияи иқтисодӣ барои пешбурди фаъолияти корӣ дар доираи робитаҳои иқтисодии хориҷӣ ва татбиқи сиёсати беруниқтисодии давлат иборат мебошад.

**2.1. Вазифаҳои тадриси фан**

- аз рӯи масъалаҳои асосии дипломатияи иқтисодӣ дар донишҷӯён ташаккул додани заминаи назариявии ташкил, усулҳои кор, самтҳо ва анъанаҳои он;
- дар мисоли кишварҳо ва созмонҳои мушаххас шинос намудани донишҷӯён бо хусусиятҳои дипломатияи дуҷониба ва бисёрҷонибаи иқтисодӣ;
- ошкор намудани хусусиятҳои дипломатияи иқтисодии Тоҷикистон ва усулҳои пешбурди он;
- бо механизми ташаккули сиёсати иқтисодии хориҷии давлатҳо ва омилҳои ба он таъсиркунанда шинос кардани донишҷӯён;
- ошкор кардани самтҳои сиёсати беруниқтисодии давлатҳои алоҳида.

Бояд зикр кард, ки дар даҳсолаҳои охир усулҳои дипломатияи иқтисодӣ яке аз афзорҳои асосии воситаи сиёсати хориҷии давлатҳои аз ҷиҳати иқтисодӣ тараққикарда гардиданд. Дар иртибот бо ин дар доираи тадриси фан ба донишҷӯён омӯзонидани низоми донишҳои нав дар бораи муносибатҳои байналмилалии иқтисодӣ ва дипломатияи иқтисодӣ ҳамчун ҷузъи махсуси таркибии илми иқтисодиёти ҷаҳонӣ аз аҳамият холи намебошад. Фанни мазкур ба омӯзиши масоили ташаккули дипломатияи иқтисодӣ ва таъсири он ба равандҳои сиёсӣ ва иқтисодии ҷаҳон бахшида шудааст. Дар раванди тадриси фан мафҳумҳои дипломатияи иқтисодӣ ва принсипҳои ташаккули он омӯзонида шуда, маълумоти асосӣ дар бораи моҳият, мундариҷа, марҳилаҳои рушди дипломатияи иқтисодии Тоҷикистон, нақш ва мавқеи он дар ноил шудан ба ҳадафҳои беруниқтисодии кишвар ва инчунин, таъмини амнияти миллӣ пешниҳод карда мешавад.

Дар раванди баргузор кардани машғулиятҳо барномаи тадрис на танҳо омӯзиши равишҳо ва дурнамои нави истифодаи воситаҳо ва усулҳои дипломатияи иқтисодиро дар амалияи сиёсӣ ва дипломатӣ роҳандозӣ мегардонад, инчунин дар баробари масъалаҳои назариявии дипломатияи иқтисодӣ ба масъалаҳои фаъолияти иқтисодии хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва нақши дипломатияи иқтисодӣ дар таъмини бехатарӣ ва ҳифзи манфиатҳои миллии кишвар эътибори махсус дода мешавад.

Барномаи таълимии фан ба донишҷӯён имконияти омӯзиши тамоюлҳои нав дар сиёсати ҷаҳонӣ, асосҳои назариявӣ ва амалияи дипломатияи иқтисодӣ, санъати гуфтушунид ва инчунин дигар масъалаҳои муносибатҳои байналмилалии иқтисодиро фароҳам оварда, барои болоравии сатҳи дониш ва тавсеаи салоҳиятҳои махсуси касбии мутахассисони оянда мусоидат менамояд.

Омӯзонидани фанни мазкур барои ташаккул додани қобилияти донишҷӯён ҷиҳати дар сатҳи баланд дарк намудани самтҳои асосии рушди дипломатияи муосири иқтисодӣ, ки ҳам дар сатҳи давлатҳо ва ҳам сохторҳои соҳибкорӣ бо кӯмаки мақомоти ҳокимияти давлатӣ (вазоратҳои корҳои хориҷӣ, рушди иқтисод ва савдо, кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ бонки миллӣ ва ғ.) амалӣ мегардад, нигаронида мешавад. Дар доираи омӯзиши ин фан малакаҳои касбие аз бар карда мешаванд, ки онҳо истифода карда тавонистани усулҳои таҳлили сиёсӣ ва иқтисодиро барои ҳалли масъалаҳои сиёсати хориҷӣ ва иқтисодии хориҷӣ, фароҳам овардани шароитро ҷиҳати рушди робитаҳои тиҷоративу иқтисодӣ ва сармоягузорӣ дар шакли муносибатҳои дуҷониба, инчунин дар доираи сохторҳои бисёрҷониба дар арсаи байналмилалӣ фаро мегиранд. Таваҷҷӯҳи махсус дар ҷараёни лексияҳо ба омӯзиши масоили назариявии дипломатияи иқтисодӣ ва хусусиятҳои кишварии фаъолияти дипломатияи иқтисодӣ (дар мисоли Тоҷикистон ва дигар кишварҳо) зоҳир карда мешавад.

**Дар натиҷаи азхудкунии фан донишҷӯ бояд натиҷаҳои зерини таҳсилотро нишон диҳад:**

**Донад:**

- таърихи инкишоф, моҳият ва мазмуни дипломатияи иқтисодӣ, марҳилаҳои рушд, хусусиятҳои муосир ва вазифаҳои дипломатияи иктисодӣ;

- ҷузъҳои асосии раванди ҷаҳонишавии хоҷагии ҷаҳониро ҳамчун хислати асосии рушди он ва инкишофи муносибатҳои муосири иқтисодии байналмилалӣ, нақш ва мавқеи дипломатияи иқтисодиро дар таҷрибаи муосири хоҷагии чахонӣ;

- махсусиятҳои рушди робитаҳои берунииқтисодии Тоҷикистонро дар қаринаи таъсири он ба фаъолияти иқтисодиёти миллӣ ва робитаҳои иқтисодии ҷаҳонӣ, таъсири дипломатияи иқтисодиро барои ноил шудан ба натиҷаҳои макроиқтисодӣ;

- моҳияти ҷанбаҳои берунииқтисодии таъмини амнияти иқтисодии миллиро, омилҳои таъсири дипломатияи иқтисодиро ба таъмини бехатарии давлат;

- самтҳои асосии сиёсати муосири берунииқтисодӣ ва дипломатияи иқтисодиро ҳамчун воситаи ноил шудан ба мақсадҳои он бо шаклу усулҳои пешбурди онҳо, ки дар амалияи ҷаҳонӣ қабул шудаанд;

**Тавонад:**
- мустақилона таҳлили дипломатияи молиявию иқтисодиро гузаронад;
- арсенали воситаҳои техникӣ ва ташкилии дипломатияи иқтисодиро истифода барад;
- дипломатияи иқтисодиро истифода барад;
- нақшаҳои ба даст овардани мавқеъҳои самарабахши Тоҷикистонро дар сатҳҳо ва ҷанбаҳои гуногун тавассути дипломатияи иқтисодӣ роҳандозӣ намояд.

**Азбар намояд:**
- малакаи истифодабарии усулу воситаҳои дипломатияи иқтисодӣ;
- арзёбии механизмҳои ҳамкории иқтисодии Тоҷикистон бо шарикони хориҷӣ;
- истифодаи усулҳои дастгирии дипломатии содирот ва мусоидат ба сармоягузорӣ;
- қобилияти истифодаи омилҳои институтсионалии дипломатияи иқтисодӣ;

**Бояд қобилият ва омодагии зеринро нишон диҳад:**
- таърихи инкишоф, моҳият ва мазмуни дипломатияи иктисодиро омӯзад;
- марҳилаҳои рушди дипломатияи иқтисодиро таҳқиқ намояд;
- хусусиятҳои муосири дипломатияи иктисодиро муайян намояд;
- мустақилона таҳлили дипломатияи молиявию иқтисодиро гузаронад;
- усулу воситахои дипломатияи иктисодиро истифода барад;
- омилҳои институтсионалии дипломатияи иқтисодӣ истифода намояд.

**Дар раванди азхуднамоии талаботи мавзӯъҳои фанни дипломатияи иқтисодӣ донишҷӯ дорои салоҳиятҳои зерин мегардад:**

- қобилияти пайгири намудан ва инчунин дарки мантиқ ва ҷараёни тағйирёбии хусусиятҳои иқтисодии низоми муосири муносибатҳои байналмилалӣ, таҳлили тамоюлҳои ҷойдоштаи сиёсат ва иқтисодиёти ҷаҳонӣ дар алоқамандиҳои мутақобилаи онҳо, фаҳмидани дурнамои рушд ва оқибатҳои эҳтимолии онҳо барои Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- қобилияти фаҳмида тавонистан дар масъалаҳои коркард ва амали намудани дипломатияи иқтисодии акторҳои асосии байналмилалӣ ва дар амалия истифода кардани донишҳои андӯхта дар бораи муассисаҳо ва равандҳои байналмилалии иқтисодӣ барои таҳияи тавсияҳо ва қабули қарорҳои ташкилӣ ва идоракунӣ;

- қобилияти мустақилона дар асоси илмӣ таҳлил кардани самтҳо ва масъалаҳои асосии назариявӣ ва амалӣ ва пешгӯи кардани тамоюлҳои нав дар соҳаи истифодабарии воситаҳои дипломатияи иқтисодӣ аз ҷониби субъектҳои гуногуни муносибатҳои байналмилалӣ ва арзёбии таъсири онҳо ба амнияти миллӣ ва рақобатпазирии миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон.

**2. Сохтор ва мазмуни фанни “Дипломатияи иқтисодӣ”**

**2.1 Сохтори фан**

| Р/т | Номгӯи мавзӯъ | Ҳамагӣ | Лексия | КМРУ | КМД |
|---|---|---|---|---|---|

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| | | (соат) | | | |
| 1. | Дипломатияи иқтисодӣ, моҳият ва мазмун он. Таҳаввулоти шаклҳо ва усулҳои дипломатияи иқтисодӣ | 8 | 4 | 2 | 2 |
| 2. | Вазифаҳо ва механизмҳои муосири дипломатияи иқтисодӣ | 6 | 2 | 2 | 2 |
| 3. | Ташкили дипломатияи иқтисодӣ ва болоравии нақши он дар давраи ҷаҳонишавӣ | 4 | 2 | 1 | 1 |
| 4. | Таъминоти ҳуқуқии дипломатияи иқтисодӣ | 4 | 2 | 1 | 1 |
| 5. | Мавқеъ ва нақши дипломатияи иқтисодӣ дар таъмини шароити мусоиди берунӣ барои рушди кишвар | 4 | 2 | 1 | 1 |
| 6. | Дипломатияи иқтисодӣ мусоидат ба рушди савдои хориҷӣ | 8 | 4 | 2 | 2 |
| 7. | Сармоягузории байналмилалӣ ҳамчун объекти дипломатияи иқтисодӣ | 8 | 4 | 2 | 2 |
| 8. | Нақши Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳамоҳангсозии робитаҳои байналмилалии иқтисодӣ ва хориҷии субъектҳои робитаҳои иқтисодии хориҷӣ | 4 | 2 | 1 | 1 |
| 9. | Дипломатияи кумакҳо (мусоидат)-и расмӣ барои рушд | 4 | 2 | 1 | 1 |
| 10. | Дипломатияи қарзи хориҷӣ | 6 | 4 | 1 | 1 |
| 11. | Хусусиятҳои муосири дипломатияи иқтисодӣ дар кишварҳои мутараққӣ | 10 | 5 | 2 | 2 |
| 12. | Дипломатияи иқтисодӣ: амалияи иттиҳодияҳои минтақавӣ ва гурӯҳии кишварҳо | 8 | 4 | 2 | 2 |
| 13. | Дипломатияи бисёрҷонибаи иқтисодӣ, моҳият, шаклҳо ва хусусиятҳои пешбурди он дар шароити муосир | 8 | 4 | 2 | 2 |
| 14. | Музокирот усули асосии дипломатияи муосир. Масоили муосири раванди музокироти байналмилалӣ | 8 | 3 | 2 | 2 |
| 15. | Нақши дипломатияи иқтисодӣ дар таъмини амнияти иқтисодӣ ва манфиатҳои миллии кишвар | 4 | 2 | 1 | 1 |
| 16. | Чолишҳои дипломатияи муосири иқтисодӣ | 4 | 2 | 1 | 1 |
| | Ҳамагӣ | 96 | 48 | 24 | 24 |

**2.2 Мазмуни фан**

**Мавзӯи 1. Дипломатияи иқтисодӣ. Таҳаввулоти шаклҳо ва усулҳои дипломатияи иқтисодӣ.**

Таърихи барқароршавии дипломатияи иқтисодӣ. Таълимоти асосии иқтисодӣ ва сиёсии хориҷии марҳилаи ташаккули дипломатияи иқтисодӣ (меркантилизм ва физиократҳо; савдои озод ва протекционизм; доктринаи Монро, сиёсати “дарҳои кушода”, “дипломатияи доллар”). Нақши омили савдо дар барқароршавии дипломатияи иқтисодӣ. Саҳми кейнстаборон дар гузариш аз дипломатияи тиҷоратӣ ба дипломатияи иқтисодӣ.

Соҳаҳои хадамоти дипломатии иқтисодӣ ва таъсири онҳо ба идоракунии ин соҳа. Ҳамкориҳои мутақобилаи корпоратсияҳои хусусӣ ва мақомоти давлатӣ дар арсаи байналмилалӣ. Таъсири тағйироти иқтисодӣ дар ҷаҳони муосир ба ташаккулёбии дипломатияи иқтисодӣ. Ҷаҳонишавӣ ҳамчун нерӯи тағйирдиҳандаи дипломатияи иқтисодӣ дар марҳилаи кунунӣ.

Таърифи мафҳуми дипломатияи иқтисодӣ. Мафҳумҳои дипломатияи иқтисодӣ ("дипломатияе, ки дар бораи иқтисод ғамхорӣ мекунад", "дипломатияе, ки ба иқтисодиёт хизмат мекунад", "дипломатияе, ки иқтисодро ба хидмати худ гузоштааст", "дипломатияи нави иқтисодӣ").

Объект ва предмети дипломатияи иқтисодӣ. Субъектҳои дипломатияи иқтисодӣ. Усулҳои дипломатияи иқтисодӣ.

Таснифоти намудҳои муосири дипломатияи иқтисодӣ.

**Мавзӯи 2. Вазифаҳо ва механизмҳои муосири дипломатияи иқтисодӣ**

Вазифаҳои дипломатияи иқтисодӣ. Контексти иқтисодии липломатия. Соҳаҳои фаъолияти дипломатияи иқтисодӣ.

Таснифоти муосири намудҳои дипломатияи иқтисодӣ. Дипломатияи раводидӣ. Дипломатияи фарҳангӣ. Дипломатияи варзишӣ. Дипломатияи оммавӣ (дипломатияи шаҳрвандӣ, мардумӣ, дипломатияи парламентарии СММ, дипломатияи парламентарӣ дар шакли робитаҳои байналмилалӣ байни мақомоти ҳокимияти қонунгузор). Дипломатияи иктишофӣ. Дипломатияи бисёрҷониба тавассути конфренсияҳо. Дипломатияи созмонҳои байналмилалӣ. Дипломатияи анъанавӣ – ҳадафҳо ва воситаҳои сиёсӣ дар татбиқи сиёсати хориҷии давлат. Таъсири иқтидори иқтисодии давлат ба сиёсати берунии он.

Тартиби қабули меъёрҳои ҳатмӣ дар доираи дипломатияи иқтисодӣ. Воситаҳои анъанавӣ (шартномаҳои тиҷоратӣ, созишномаҳои молиявӣ ва асъорӣ, конвенсияҳои сарҳадӣ) ва нави (конвенсияҳо дар бораи пешгирии андозбандии дукарата ва мубориза бо саркашӣ аз андоз, шартномаҳо оид ба ҳифзи сармоягузорӣ, созишномаҳо дар бораи истифодаи муштараки баъзе қаламравҳо) роҳандозии муносибатҳои иқтисодӣ дар байни давлатҳо.

Сиёсати савдои хориҷӣ. Проблемаҳои ҳифзи байналмилалии моликияти зеҳнӣ. Омилҳои иҷтимоӣ ва гуманитарии маҳдудкунандаи  мубодилаи байналмилалии молҳо (ғамхорӣ дар бораи ҳифзи истеъмолкунандагон, саломатии аҳолӣ ва муҳити табиӣ). Дипломатияи иқтисодӣ ва татбиқи принсипи бидуни табъиз. Проблемаи чораҳои имтиёзнок (иттиҳодияҳои гумрукӣ, минтақаҳои озоди савдо). Институти таҳримоти иқтисодӣ, амалия ва расмиёти татбиқ. Намудҳои асосӣ (интиқом (реторсияҳо), боздоштани кӯмак, маҳдудиятгузориҳо дар тиҷорат ва сармоягузорӣ, эмбарго, муҳосираи иқтисодӣ). Воситаҳои дипломатии ҳалли бӯҳронҳои байналмилалии молиявӣ (ликвиднокӣ, пардохтпазирӣ).

Афзалиятҳои сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи муносибатҳои иқтисодии байналмилалӣ ва дипломатияи иқтисодӣ. Воситаҳои муосири татбиқи сиёсати иқтисодии хориҷӣ дар соҳаи танзими савдои хориҷӣ, фаъолияти сармоягузорӣ, муносибатҳои пулию қарзӣ.

**Мавзӯи 3. Ташкили дипломатияи иқтисодӣ ва болоравии нақши он  дар давраи ҷаҳонишавӣ**

Сатҳи байналмилалӣ. Нақши вохӯриҳо дар сатҳи олӣ. Таърихи дипломатии вохӯриҳо дар доираи G8. Форумҳои ғайриинститутсионалӣ. Форуми умумиҷаҳонии иқтисодӣ дар Давос. Форумҳои институтсионалӣ.

Сатҳи миллӣ. Хадамоти дипломатияи иқтисодӣ дар низоми идоракунии давлатӣ. Кормандони воҳидҳои Вазорати корҳои хориҷӣ, ки масъули дипломатияи иқтисодӣ мебошанд. Шӯъбаҳои иқтисодӣ ва савдои сафоратҳо. Вазифаҳои мушовири савдо. Намояндагиҳои доимӣ дар назди ташкилотҳои байналмилалии иқтисодӣ. Нақши палатаҳои савдо ва саноат. Субъектони ғайридавлатии дипломатияи иқтисодӣ (ташкилотҳои байналмилалии ғайриҳукуматӣ, гурӯҳҳои манфиатдор, иттиҳодияҳои маҳаллӣ). Ташкилотҳои лоббистӣ, таъсири онҳо ба қабули қарорҳои иқтисодии хориҷӣ ва хусусиятҳои ҳамкорӣ бо онҳо. Нақши ассотсиатсияҳои соҳибкорӣ оид ба масъалаҳои идоракунӣ, содирот ва пешбарии молҳо, сармоягузорӣ, ташкили намоишгоҳҳо.

Тақвияти нақши бизнес дар сиёсати хориҷии давлатҳо. Низоми муносибатҳои мутақобилаи бизнес-ҳукумат дар механизми татбиқи амалии сиёсати хориҷӣ.

**Мавзӯи 4. Таъминоти ҳуқуқии дипломатияи иқтисодӣ**

Барқароршавии низоми муосири таъминоти ҳуқуқии дипломатияи иқтисодӣ. Принсипҳои ҳуқуқии ҳамкории иқтисодии байналмилалӣ.

Таъминоти байналмилалӣ-ҳуқуқии савдо дар низоми ГАТТ/СУС. Принсипҳои асосии ГАТТ. Принсипҳо ва қоидаҳои асосӣ ГАТТ/СУС: савдо бидуни табъиз, танзими савдо бо усулҳои тарифӣ, истифодаи накардани маҳдудиятҳои миқдорӣ ва дигар маҳдудиятҳо, шаффофияти сиёсати тиҷоратӣ, ҳалли баҳсҳои тиҷоратӣ тавассути машварат ва гуфтушунид ва ғайра. Дипломатияи СУС оид ба ҳалли баҳсҳо. Механизмҳои обзори сиёсати савдо. Низоми ҳуқуқии СУС. Қоидаҳои танзими савдои мол. Тадбирҳои сармоягузорӣ, ки хусусияти тиҷоратӣ доранд. Қоидаҳои танзими савдои хизматрасониҳо.

Дипломатияи иқтисодӣ дар мувофиқанамоии қоидаҳои сармоягузориҳои байналмилалӣ. Хусусиятҳои муносибатҳои шартномавӣ дар дипломатияи иқтисодӣ. Танзими ҳуқуқии муносибайтҳои шартномавӣ. Созишномаҳои байниҳукуматӣ дар бораи ҳамкории иқтисодӣ ва техникӣ, кӯмакҳои молиявӣ, ҳифзи сармоягузориҳо. Муносибатҳои шартномавии амалиёти байналмилалии тиҷоратӣ.

**Мавзӯи 5. Мавқеъ ва нақши дипломатияи иқтисодӣ дар таъмини шароити мусоиди берунӣ барои рушди кишвар**

Вазифаҳои дипломатия оид ба пешбарӣ ва ҳимояи манфиатҳои бизнеси миллӣ. Тамоюлҳои рушди дипломатияи иқтисодӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ. Пешбарии кишвар. Таҳия кардани директиваҳо барои ҳузури кишвар дар бозорҳои хориҷӣ.

Дипломатияи дуҷониба ва бисёрҷонибаи муосири иқтисодӣ. Воситаҳои дипломатияи муосири иқтисодӣ. Технологияҳои гуфтушунидҳои дуҷониба ва бисёрҷониба. Тартиботи гуфтушуниди бисёрҷониба (СММ, СУС, Бонки Ҷаҳонӣ ва ғ.)

Нақши афзояндаи дипломатияи иқтисодӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ. Мақсад ва вазифаҳои низомҳои ҷаҳонии иқтисодӣ. Мафҳуми "ҷаҳонишавии идорашаванда". Субъектҳои нави дипломатияи иқтисодӣ. Шарикии стратегӣ байни бизнес ва давлат. "Дипломатияи мардумӣ".

Оқибатҳои манфии ҷаҳонишавӣ ҳамчун манбаъ ва сабаби муноқишаҳои насли нав. Проблемаҳои муқовимати Ғарб - Шарқ, Шимол - Ҷануб, инчунин масъалаи «муқовимати тамаддунӣ» ва таъсири омилҳои динӣ ба муносибатҳои байналмилалӣ.

**Мавзӯи 6. Дипломатияи иқтисодӣ дар мусоидат ба рушди савдои хориҷӣ**

Консепсияи савдои байналмилалӣ барои дипломатияи иқтисодӣ. Аҳамияти савдои хориҷӣ барои рушд. Савдои дуҷониба ва бисёрҷониба. Агентҳои савдои хориҷӣ. GATT/WTO ва нақши он дар ташаккули низоми савдои байналмилалӣ. Мазмуни созишномаҳои асосии байналмилалӣ оид ба савдо ва тарифҳо, ки дар музокироти Уругвай ба даст омадаанд.

Режими савдои байналмилалӣ: иштирокчиёни асосӣ, сохтор, ҷузъҳои институтсионалӣ ва ташкилӣ, принсипҳо ва шартҳои иштирок, механизми ҳалли баҳсҳо. Хусусиятҳои ҷараёни инкишофи савдои байналмилалӣ. Созишномаҳои махсуси тиҷоратӣ. Савдои хизматрасониҳо дар низоми муносибатҳои иқтисодии байналмилалӣ.

Воситаҳои дипломатияи иқтисодӣ оид ба танзими савдои байналмилалӣ. Воситаҳои сиёсати воридотӣ ва содиротӣ. Танзими бозори хизматрасонӣ бо истифода аз воситаҳои дипломатияи иқтисодӣ. Дипломатияи иқтисодӣ дар амалигардонии сиёсати содиротӣ.

Дипломатияи бисёрҷонибаи иқтисодӣ дар танзими савдои хориҷӣ. Савдои байналмилалӣ – омили асосии рушд дар асри XXI.

**Мавзӯи 7. Сармоягузории байналмилалӣ ҳамчун объекти дипломатияи иқтисодӣ**

Аҳамият, вазифаҳо ва шаклҳои асосии дипломатияи сармоягузорӣ. Низоми байналмилалии режимҳои сармоягузорӣ. Нақши созишномаҳои дуҷониба ва минтақавии сармоягузорӣ дар фароҳам овардани шароити мусоид барои фаъолияти сармоягузорӣ. Унсурҳои асосии созишномаҳои сармоягузорӣ. Режимҳои фаъолияти сармоягузорӣ: "миллӣ", " аз ҳад зиёд мусоидаткунанда", "оқилона ва дар асоси ҳуқуқи баробар." Нақш ва аҳамияти ШФМ дар фаъолияти сармоягузории байналмилалӣ: афсона ва воқеият.

Усулҳои дипломатии ҷалби сармоя аз хориҷа. Ташкили форумҳои сармоягузорон. Фаъолияти таҳлилӣ ва иттилоотӣ. Ҳамоҳангсозии сафорат дар бораи фаъолияти сармоягузорони миллӣ дар кишвари иқомат. Таъмини дастгирии ҳуқуқии лоиҳаҳои сармоягузорӣ. Пешбурди сармоягузории миллӣ. Таъмини шароити мусоид барои сармоягузорони миллӣ дар кишвари иқомат. Таъмини иштироки сармоягузорони миллӣ дар тендерҳои сармоягузорӣ дар кишвари иқомат.

**Мавзӯи 8. Нақши Вазорати корҳои хориҷӣ дар ҳамоҳангсозии робитаҳои байналмилалии иқтисодӣ ва хориҷии субъектҳои робитаҳои иқтисодии хориҷӣ**

Омили институтсионалӣ дар дипломатияи иқтисодӣ. Ҷузъҳои ташкилии фаъолияти дипломатияи иқтисодӣ: стратегияи иқтисодии хориҷӣ, институтҳо барои татбиқи манфиатҳои иқтисодии хориҷӣ, захираҳо барои ноил шудан ба ҳадафҳо ва вазифаҳои сиёсати иқтисодии хориҷӣ. Дастгирии институтсионалии дипломатияи иқтисодӣ ҳамчун низоми байниҳамфаъолияткунандаи ташкилотҳои давлатӣ, нимдавлатӣ ва ғайриҳукуматии ваколатдор ва манфиатдор дар рушди ҳамкориҳои байналмилалии тиҷоратӣ. Вазорати корҳои хориҷӣ асоси пирамидаи институтсионалӣ таъминкунандаи ҳалли вазифаҳои дипломатияи иқтисодӣ.

Нақш ва вазифаҳои Вазорати корҳои хориҷӣ дар ҳамоҳангсозии робитаҳои иқтисодии байналмилалии кишвар ва робитаҳои хориҷии субъектҳои он. Вазорати корҳои хориҷӣ - ҳамоҳангсози асосии манфиатҳои иқтисодии кишвар дар сатҳи байналмилалӣ.

Ҳамоҳангсозии фаъолияти Вазорати корҳои хориҷӣ ва Вазорати рушди иқтисод ва савдо: мундариҷа, ҳадафҳо, масъалаҳо. Ҳамоҳангсозии вазифаҳои Вазорати корҳои хориҷӣ ва дигар вазоратҳои марбута дар масъалаҳои дипломатияи тиҷоратӣ. Васеъ намудани ҳадафҳо ва вазифаҳои Вазорати корҳои хориҷӣ. Мушаххасгардонии вазифаҳои иқтисодии дастгоҳи дипломатӣ. Функсияҳо ва вазифаҳои иқтисодии намояндагиҳои дипломатӣ, консулӣ ва дигар намояндагиҳои давлат дар хориҷа.

**Мавзӯи 9. Дипломатияи кумакҳо (мусоидат)-и расмӣ барои рушд**

Кумаки расмӣ барои рушд ҳамчун воситаи таъмини сиёсати хориҷӣ ва манфиатҳои иқтисодӣ. Таснифоти кӯмакҳо барои рушд. Кӯмаки бисёрҷониба ва дуҷониба барои рушд: ҳаҷм ва динамика. Шароитҳои сиёсӣ ва иқтисодии расонидани кумак барои рушд. G8 ва таъсири он ба ташаккули афзалиятҳо ва шароити расонидани кӯмакҳо барои рушд.

Дипломатияи бисёрҷонибаи СММ ҷиҳати расонидани кумаки расмӣ барои рушд. Конфронсҳои умумиҷаҳонии СММ ва иҷлосияҳои махсуси Ассамблеяи Генералии СММ ҳамчун воситаи сафарбар намудани кумакҳои бисёрҷониба барои рушд ва муайян кардани афзалиятҳои он. Қоидаҳои музокирот ва қабули қарор. Нақши Барномаи Рушди СММ дар сафарбаркунӣ ва ҳамоҳангсозии донорҳо. Дипломатияи иқтисодии СҲИР ҷиҳвти мусоидат барои рушд. Шарикии стратегӣ: ҷалби соҳибкорон ҷиҳати расонидани кумак барои рушд.

Дипломатияи дуҷониба барои мусоидат ба рушд. Агентиҳои миллии кумак ба рушд. Кишварҳои асосии донор: афзалиятҳои кумаки дуҷонибаи рушд. Кумитаи мадад барои рушд:

ҳамоҳангсозии фаъолияти кишварҳои донор. Баъзе масоили кумакҳои дуҷониба ва бисёрҷониба барои рушд.

**Мавзӯи 10. Дипломатияи қарзи хориҷӣ**

Талаботи кишварҳои рӯ ба тараққӣ ва кишварҳои дорои иқтисоди гузариш ба захираҳои иловагии молиявӣ барои ҳадафҳои рушд. Сарчашмаҳои берунаи воситаҳои молиявӣ: давлатӣ, хусусӣ. Проблемаи истифодаи самараноки захираҳои молиявӣ барои рушд: қарзи беруна, миқёси он, сохтор ва динамикаи он. Муассисаҳои қарзию молиявии байналмилалии СММ (муассисаҳои махсусгардонидашуда ва Барномаи рушд). Шаклҳо ва шартҳои пешниҳоди захираҳои молиявӣ.

Бӯҳрони қарзи хориҷии кишварҳои рӯ ба тараққӣ. Роҳҳо ва усулҳои ҳалли бӯҳрони қарзи хориҷӣ. Нақши клубҳои Париж ва Лондон.

Ташаббусҳои байналмилалӣ оид ба ҳалли бӯҳрони қарзи хориҷӣ. Барномаҳои ХБА/ББТР оид ба бозсозии сохтори иқтисодиёти кишварҳои қарздор ва оқибатҳои татбиқи он.

Нақши фондҳои молиявии кишварҳои узви ОПЕК дар ҳалли бӯҳрони қарзи хориҷӣ.

Қарзи хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва масоили ҳалли он.

**Мавзӯи 11. Хусусиятҳои муосири дипломатияи иқтисодӣ дар кишварҳои мутараққӣ**

Дипломатияи иқтисодии кишварҳои мутараққӣ: мақсадҳо, вазифаҳо ва ҳадафҳо.

Дипломатияи иқтисодии ИМА: варианти “экспансионистӣ”. Омилҳои калидии дипломатияи иқтисодии ИМА. Робитаи мутақобили манфиатҳои иқтисодӣ бо барномаҳои сиёсӣ-хориҷии ИМА. Истифодаи вояи қудрати иқтисодӣ (дар шакли кӯмаки мустақими иқтисодӣ, маблағгузории барномаҳои гуногун, таҳримҳои иқтисодӣ ва ғ.) асоси стратегияи сиёсати хориҷӣ мебошад. Сиёсати васеънамоӣ ва мустаҳкимнамоии сиёсати амрикоии ҷаҳонии "фазои зиндагӣ" - хусусияти асосии дипломатияи иқтисодии ИМА. Барномаҳои кӯмаки амрикоӣ (иқтисодӣ, ҳарбӣ-техникӣ, гуманитарӣ). Ҳадафҳои стратегии дипломатияи иқтисодии ИМА.

Дипломатияи иқтисодии Британияи Кабир: варианти “консервативӣ”. Дипломатияи иқтисодии Олмон: варианти “чандирӣ”.

Дипломатияи иқтисодии Федератсияи Россия. Сохторҳои дипломатияи иқтисодии Россия дар давлатҳои ИДМ. Акторҳои асосӣ ва бозорҳое, ки онҳо дар он фаъолият мекунанд.

Дипломатияи иқтисодии Хитой: мундариҷа ва хусусиятҳои фарқкунанда. Дипломатияи иқтисодии Хитой: истифодаи самараи “рақамҳои калон” ва “ҳамватанони (диаспораи) бурунмарзии чинӣ. Дарёфти дастрасии мӯътадил ба захираҳо муҳимтарин вазифаи дипломатияи иқтисодии Хитой. Дипломатияи иқтисодӣ ва таъмини талабот ба молҳои чинӣ. Самти тақозои дипломатияи иқтисодии Хитой: механизмҳо ва табиати дугона. Идоракунии ҷараёни сармоягузорӣ ҳамчун вазифаи муҳимтарини дипломатияи иқтисодии Чин. Ҷалби ҳаҷми зиёди сармояи мустақими хориҷӣ ба кишвар. Манфиатҳои иқтисодии Хитой дар Ҷумҳурии Тоҷикистон

Дипломатияи муосири иқтисодии Ҳиндустон. Манфиатҳои иқтисодии Ҳиндустон дар кишварҳои ИДМ ва Ҷумҳурии Тоҷикистон.

**Мавзӯи 12. Дипломатияи иқтисодӣ: амалияи иттиҳодияҳои минтақавӣ ва гурӯҳии кишварҳо**

Шартҳо, заминаҳо ва ҳадафҳои ҳамгироии иқтисодии минтақавӣ. Консепсияҳои назариявӣ ва моделҳои ҳамгироии иқтисодии минтақавӣ. Шаклҳои ҳамгироии иқтисодии минтақавӣ.

Дипломатияи коллективӣ: мақсадҳо, вазифаҳо ва воситаҳо (ҳамоҳангсозии стандартҳо, тартибот ва қоидаҳо; пешниҳоднамоӣ ва либерализатсияи савдо; ба якшаклдарории (унификатсияи) низомҳои сармоягузорӣ; кумаки иқтисодӣ ва техникӣ).

Дипломатияи иқтисодии Иттиҳоди Аврупо: варианти “континенталӣ”. Сиёсат ва тактикаи ҷалбнамоӣ ба радифи таъсиррасонӣ: стратегияи умумии ИА нисбати кишварҳои сеюм.

Дипломатияи иқтисодии кишварҳои рӯ ба тараққӣ: варианти коллективӣ (гурӯҳи 77). Дипломатияи иқтисодии кишварҳои истеҳсолкунандаи ашёи хом (ОПЕК). Дипломатияи минтақавӣ.

Дипломатияи иқтисодии кишварҳои иштирокчии ИДМ. Сохторҳои ҳамгироӣ дар фазои пасошӯравӣ ва таъсири онҳо ба дипломатияи иқтисодии ИДМ.

**Мавзӯи 13. Дипломатияи бисёрҷонибаи иқтисодӣ: моҳият, шаклҳо ва хусусиятҳои пешбурди он дар шароити муосир**

Мубрамият, ташаккулёбӣ ва мафҳуми дипломатияи бисёрҷонибаи иқтисодӣ. Таърихи дипломатияи бисёрҷониба. Назарияи ташкилотҳои байналмилалӣ.

Субъектҳои дипломатияи бисёрҷонибаи иқтисодӣ. Принсипҳои асосӣ ва самтҳои дипломатияи иқтисодии СММ. Институтҳои дипломатияи иқтисодӣ дар доираи СММ: ЮНСИТРАЛ, ЮНИДО, Барномаи рушди СММ, ташкилоти озуқаворӣ ва хоҷагии қишлоқи СММ, Комиссияҳои минтақавии иқтисодии СММ.

Ташкилот ва муассисаҳои (институтҳои) байналмилалии молиявӣ ва бонкӣ дар дипломатияи иқтисодӣ. Ташкилотҳои минтақавии молиявию асъорӣ ва қарзӣ.

Дипломатияи иқтисодӣ дар сатҳи олӣ. Дипломатияи G8. Дипломатияи Иттиҳоди Аврупо. Иттиҳодияҳои бисёрҷонибаи ғайриинститутсионалӣ.

Проблемаҳои муосири дипломатияи бисёрҷонибаи иқтисодӣ. Баъзе проблемаҳои рушди дипломатияи иқтисодӣ дар доираи СММ.

Масоили муосири рушди дипломатияи иқтисодӣ дар доираи Созсони умумиҷаҳонии савдо ва дигар сохторҳои бисёрҷонибаи ҷаҳонӣ.

Андешаҳои муосир оид ба дипломатияи бисёрҷониба дар асри XXI. Тамоюлҳои рушди дипломатияи бисёрҷонибаи иқтисодӣ.

**Мавзӯи 14. Музокирот усули асосии дипломатияи муосир. Масоили муосири раванди музокироти байналмилалӣ**

Музокирот – усули асосии дипломатияи муосир барои барқарорнамоӣ ва рушди муносибатҳои байни мамлакатҳо, таъмини савдои ҷаҳонӣ, робитаҳои фарҳангӣ ва илмӣ дар миқёси дутарафа, гурӯҳӣ, минтақавӣ ва глобалӣ.

Ҳамкориҳои байналмилалӣ ва гуфтушунидҳои иқтисодӣ. Моделҳои расмӣ ва усулҳои миқдорӣ барои омӯзиши гуфтушунидҳои байналмилалӣ. Назарияи гуфтушуниди шифоҳӣ ва омӯзиши ҳолатҳо. Ҳадафҳои давлатҳо дар гуфтушунидҳои иқтисодӣ: ҳадафҳои иқтисодӣ, ҳадафи нигоҳ доштани муносибатҳои муътадил, ҳадафҳои дохилии сиёсӣ.

Вохӯриҳо ва музокирот дар сатҳи сарони давлатҳо, дар сатҳи олӣ, баланд, вазирон ва экспертҳо. Дипломатияи сарони давлатҳо.

Стратегия ва тактикаи раванди музокирот. Ҳуҷҷатҳое, ки барои пешбурди музокирот омода карда мешаванд. Ташкил ва гузаронидани музокирот. Шартномаҳо, созишномаҳо, изҳорот, эъломияҳо ва дигар ҳуҷҷатҳои ҷамъбасткунандаи музокирот.

Масъалаҳои сулҳ, амният ва танзими низоъҳо, таҳдидҳо ва чолишҳои нав, ҳамкорӣ дар мубориза ба терроризм, масъалаҳои асосии иқтисодӣ, масъалаҳои мустаҳкамнамоии принсипҳои гуманистӣ дар иттиҳоди чаҳонӣ ва тақвияти нақши ҳуқуқи байналмилалӣ ба дарназардошти ҳуқуқи инсон.

**Мавзӯи 15. Нақши дипломатияи иқтисодӣ дар таъмини амнияти иқтисодӣ ва манфиатҳои миллии кишвар**

Аҳамияти бехатарӣ дар ҷаҳони муосир. Амнияти миллӣ ва таснифоти он. Предмет, низом, объектҳо ва сиёсати амнияти миллӣ. Консепсияи амнияти иқтисодии кишвар. Амнияти иқтисодӣ: мафҳум, категорияҳо ва мазмуни он.

Таҳдидҳо ба амнияти иқтисодӣ. Манбаъҳои анъанавӣ ва нави таҳдид ба амнияти иқтисодӣ. Кӯшишҳои дипломатияи иқтисодӣ барои коҳиш / рафъи таҳдидҳо ба амнияти иқтисодӣ: таъмини имкониятҳои баробар барои рақобат, таъмини дастрасӣ ба бозорҳо; таъмини амнияти боркашонӣ тавассути нақлиёти байналмилалӣ; пешгирии офатҳои экологӣ, таъмини шароити мусоид барои ҳамгироии ҷумҳурӣ ба низомҳои иқтисодии ҷаҳонӣ ва ғайра.

Манфиатҳои миллӣ дар контексти таъмини амнияти иқтисодӣ. Таъмини амнияти иқтисодии Тоҷикистон.

**Мавзӯи 16. Чолишҳои дипломатияи муосири иқтисодӣ**

Муҷозоти байналмилалӣ барои пешбурди фаолияти дипломатӣ. Таъсири муҷозоти созмонҳои байналмилалӣ (СММ) ба фаъолияти дипломатии давлат. Маҳдуд кардани робитаҳои варзишӣ, таҳсилотӣ, ва фарҳангии давлат. Истифодаи дипломатияи ғайрирасмӣ барои раҳои аз ҷудоӣ (танҳоӣ).

Дипломатияи зиддитерроризм ва дипломатияи зери таҳдиди терроризм. Воситаҳои дипломатии зиддитерорризм. Истифодаи тарғиботи иттилоотӣ, машваратҳо бо ташкилотҳои зидди террористии хориҷӣ, гуфтушунидҳо барои додани террористон ва ғ. Масоили дипломатияи бисёртарафа дар мубориза ба муқобили террор.

Намояндагии дипломатӣ дар кишвари имконпазири терроризм. Рафтори дипломатҳо. Ҷустуҷӯи дӯстони потенсиалӣ дар қатори элитаи ҷамъият. Таблиғот. Сафорат барои омма ё намояндагии пӯшида.

**3. Номгӯи саволҳои намунавӣ барои омодагӣ ба имтиҳон**

1. Дипломатияи иқтисодӣ, таъриф ва ҳадафҳои он.
2. Таҳаввулоти шаклҳо ва усулҳои дипломатияи иқтисодӣ.
3. Дипломатияи иқтисодӣ ва афзоиши нақши он дар давраи ҷаҳонишавӣ.
4. Ҷой ва нақши дипломатияи иқтисодӣ дар таъмини шароити мусоиди беруна барои рушди кишвар.
5. Дипломатияи иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон: вазифаҳои стратегӣ, ташкил, усул ва роҳҳои таъмини вазифаҳо.
6. Дипломатияи иқтисодӣ дар таъмини амнияти иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон.
8. Таъмини шароити мусоиди тиҷорат ва мусоидат ба содирот бо усулҳои дипломатӣ.
9. Дастгирии дипломатӣ барои фаъолияти сармоягузорӣ.
10. Нақши дипломатияи иқтисодӣ дар тиҷоратикунонии захираҳои зеҳнии миллӣ ва дастрасӣ ба бозорҳои байналмилалӣ барои технологияҳои нав
11. Дипломатияи кумаки расмӣ ба рушд.
12. Дипломатияи иқтисодӣ: амалияи кишварҳои алоҳида.
13. Дипломатияи иқтисодӣ: амалияи иттиҳодияҳои минтақавӣ
14. Дипломатияи иқтисодӣ: амалияи гурӯҳии кишварҳо.
15. Музокирот усули асосии дипломатияи муосир.
16. Масъалаҳои ҷараёни гуфтушуниди муосири байналмилалӣ.
17. Дипломатияи бисёрҷонибаи иқтисодӣ, моҳият ва шаклҳои он.
18. Дипломатияи ҷамъиятӣ.
19. Дипломатияи иқтисодӣ ва технологияҳои иттилоотӣ.
20. Хусусияти нави вазифаи иттилоотию коммуникатсионии дипломатияи иқтисодӣ.
21. Мушкилоти дипломатияи муосири иқтисодӣ.
22. Нақши СММ ва дигар ташкилотҳои байналмилалӣ ҳамчун воситаи танзими дастаҷамъии муносибатҳои байналмилалӣ.
23. Ташкилотҳои минтақавӣ ва дигар форумҳои гурӯҳӣ барои гуфтушунидҳои бисёрҷониба.
24. Муассисаҳои махсусгардонидашудаи системаи СММ.
25. Иттиҳодияҳои ҳамгироии минтақавӣ, ҳадафҳои онҳо.
26. Кӯшишҳои дипломатияи иқтисодӣ барои коҳиш (рафъ)-и таҳдидҳо ба амнияти иқтисодӣ.
27. Нақши муассисаҳои (институтҳои) байналмилалии молиявӣ ва бонкӣ дар дипломатияи иқтисодӣ.
28. Тамоюлҳои рушди дипломатияи бисёрҷонибаи иқтисодӣ.
29. Дипломатияи коллективӣ: мақсадҳо, вазифаҳо ва воситаҳои он.
30. Дипломатияи иктисодии кишварҳои мутараққӣ: мақсадҳо, вазифаҳо ва ҳадафҳо.
31. Вазорати корҳои хориҷӣ - ҳамоҳангсози асосии манфиатҳои иқтисодии кишвар дар сатҳи байналмилалӣ.
32. Усулҳои дипломатии ҷалби сармоя аз хориҷа.
33. Болоравии нақши дипломатияи иқтисодӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ.
34. Воситаҳои дипломатии ҳалли бӯҳронҳои байналмилалии молиявӣ.
35. Экономическая дипломатия Европейского союза: актуальные проблемы
36. Экономическая дипломатия США: актуальные проблемы

37. Экономическая дипломатия Китайской Народной Республики: актуальные проблемы
38. Экономическая дипломатия КНР: проект Экономического пояса шелкового пути
39. Экономическая дипломатия КНР в Центральной Азии
40. Экономическая дипломатия Индии: актуальные проблемы
41. Экономическая дипломатия Российской Федерации: актуальные проблемы
42. Экономическая дипломатия Российской Федерации в Центральной Азии.

**4. Рӯихати адабиёти тавсияшаванда**


1. Паёми Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2021 (шаҳри Душанбе, 26-уми январи соли 2021). http://www.president.tj

2. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати дипломатӣ». **(**Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, **с.2014, №12, мод. 827).**

3. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти савдои хориҷӣ». (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2012, №7, мод. 696; Қонуни ҶТ аз 08.08.2015 м., №1215).

4. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сармоягузорӣ». (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с.2016, №3, мод.152).

**5.** *Стратегияи миллии рушди* Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030. http://mmk.tj

5. Венская конвенция о дипломатических сношениях от 18 апреля 1961 г. //http://www.un.crg/ru/documents/decl_conv/conventions/dip_rel.shtml

6. Венская конвенция о консульских сношениях и факультативные протоколы от 24 апреля 1963 года //
http://www.un.crg/ru/documents/decl_conv/conventions/pdf/consular.pdf

7. Венская конвенция о праве международных договоров от 23 мая 1969 года // http://www.un.crg/ru/documents/decl_conv/conventions/law_treaties.shtml

8. Астахов Е.М. Дипломатическое сопровождение национального бизнеса. Учебно-методический комплекс. М.:МГИМО (У) 2010.

9. Ги Каррон де ла Карьер, Экономическая дипломатия. Дипломат и рынок, МГИМО, РОССПЭН, Москва, 2006.

10. Зонова Т.В. Роль экономического фактора в истории дипломатии // Внешнеэкономические связи. 2005, № 6 (18).

11. Исаченко Т. М. Экономическая дипломатия в условиях политического кризиса. Вестник СПбГУ. Сер. 5. 2015. Выпуск 3

12. Карабанова М. В. Проблема экономической дипломатии в современной политической науке: теоретический аспект // Проблемы современной науки и образования. 2016. № 4. С. 200-204.

13. Лапин А.А. Экономическая дипломатия как вид дипломатической деятельности. Гуманитарные науки. Вестник финансового университета. №3, 2019.

14. Лебедева, М. М. Технология ведения переговоров. [Текст]: учебное пособие. Гриф НМС / М. М. Лебедева. – М.: Аспект - Пресс, 2010.

15. Мавланов И.Р. Экономическая дипломатия / М.: Аспект-Пресс, 2016, 528 с.

16. Николаев Н. С. К вопросу об определении терминах «экономическая дипломатия» // Студенческая наука и XXI век. 2017. № 15. С. 496 - 499.

17. Нуриддинов Р.Ш. Дипломатияи иқтисодӣ. Китоби дарсӣ. – Душанбе, 2020.

18. Райнхардт Р. О. Иностранные инвестиции и дипломатия // Вестник МГИМО-Университета. 2017. № 3. С. 310 - 317

19. Савойский А. Современная теория экономической дипломатии // Дипломатическая служба. 2015, № 4. С. 47 – 58.

20. Саидмуродов Л.Ҳ., Мирбобоев Р.М., Солиев А.А. Бнзнеси байналхалқӣ:

21. Салимов Ф.Н. Экономическая дипломатия. Учебник. - Душанбе, 2019. – 194 с.

22. Шимко П.Д. Мировая экономика и международные экономические отношения. Учебник и практикум для бакалавриата и магистратуры. М.: Юрайт, 2016

23. Экономическая дипломатия в 2 ч. Часть 1: учебник и практикум для бакалавриата и магистратуры / Р.И. Хасбулатов [и др.]: под редакцией Р.И. Хасбулатова. – Москва: Издательство Юрайт. 2018. – 282 с.

24. Экономическая дипломатия в 2 ч. Часть 2: учебник и практикум для бакалавриата и магистратуры / Р.И. Хасбулатов [и др.]: под редакцией Р.И. Хасбулатова. – Москва: Издательство Юрайт. 2019. – 265 с.
25. Экономическая дипломатия в условиях глобализации: учебное пособие для вузов/ под общ. ред. Л.М. Капицы. – Москва: МГИМО Университет. 2010. 542 с.
**26. www.mfa.tj Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон.**
27. www.medt.tj Вазорати рушди иқтисод ва савдои Чумҳурии Тоҷикистон.
28. https://investcom.tj/ *Кумитаи* давлатии *сармоягузорӣ* ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон.
29. www.stat.tj Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.
**30. www.nbt.tj Бонки миллии Тоҷикистон**
31. www.wto.org ВТО и ежегодное издание International Trade Statistics.
32. www.wto.ru Всемирная торговая организация и Россия.
33. www.intracen.org Центр международной торговли.
34. www.imf.org МВФ и издание МВФ The World Economic Outlook.
35. www.unctad.org Конференция ООН по торговле и развитию (ЮНКТАД).
36. www.oecd.org Организация экономического сотрудничества и развития (ОЭСР).
37. www.ifc.org Международная финансовая корпорация (МФК).
38. www.worldbank.org Всемирный банк и ежегодное статистическое издание.
39. www.miga.org Многостороннее агентство по инвестиционным гарантиям.
40. www.iie.com Институт международной экономики.
41. www.iea.org Международное энергетическое агентство.
42. www.europa.eu.int Официальный сайт Европейского Союза (ЕС).
43. www.europa.eu.int Статистическая служба Европейской комиссии (Евростат).
44. www.efta.int Европейская ассоциация свободной торговли (ЕАСТ).
45. www.aseansec.org Ассоциация стран Юго-Восточной Азии (АСЕАН).
46. www.opec.org Организация стран-экспортеров нефти (ОПЕК).
**47. http://rus.sectsco.org Шанхайская организация сотрудничества (ШОС).**
**48. https://e-cis.info Содружество Независимых Государств (СНГ).**

# ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

# ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН

## *ФАКУЛТЕТИ МОЛИЯВИЮ ИҚТИСОДӢ*

## **Кафедраи** «Иқтисодиёти ҷаҳонӣ»

**БАРНОМАИ ТАЪЛИМӢ**

**аз фанни**

**«БОЗОРИ БАЙНАЛХАҚИИ ҚОҒАЗҲОИ ҚИММАТНОК»**

**(барои донишҷӯёни ихтисоси ихтисоси «Иқтисодиёти ҷаҳони»-и муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ)**

**ДУШАНБЕ – ДМТ- 2022**

## Пешгуфтор

Инкишофи иқтисодиёт на фақат бо инкишофи бозори молӣ, хизматҳо, қувваи корӣ тавсиф дода мешавад, балки бозори молиявӣ, аз он ҷумла бозори байналхалқии қоғазҳои қимматнок низ дар инкишофи иқтисодиёт нақши муҳимро мебозад. Барои иқтисодиёти ҷаҳони муосир бозори байналхалқии қоғазҳои қимматнок механизми муҳим дар ҷамъоварӣ ва азнавтақсимнамоии сармояҳо баромад мекунад. Бозори байналхалқии қоғазҳои қимматнок

ба сифати қисми таркибии низоми молиявии давлат баромад намуда, хусусиятҳои индустриявӣ ва ташкилии онро тавсиф медиҳад. Дар бисёр давлатҳои ҷаҳон бонкҳо дар бозори байналхалқии қоғазҳои қимматнок накши ҳалкунандаро ба иҷро мерасонанд. Бозори байналхалқии қоғазҳои қимматнок ҳамчун маҷмӯи муносибатҳо муайян карда мешавад, ки бо хариду фуруши қоғазҳои қимматнок ва мубодилаи онҳо алокамандӣ дорад. Ҳамин тавр бозори байналхалқии қоғазҳои қимматнок мафҳуми васеъ мебошад.

Мақсади амали гардондани бозори байналхалқии қоғазҳои қимматнок дар он зоҳир мегардад, ки механизми нақдиро барои ҷалби инвеститсия ба иқтисодиёт бо роҳи барқарор намудани робитаҳои зарурӣ таъмин менамояд.

Бозори байналхалқии қоғазҳои қимматнок сегменти ҳам бозори пулӣ ва ҳам бозори сармоя мебошад, ки ҳаракати сармояи ғайри мустаким, азнавтакисмкунии захираҳои пулиро ба воситаи соҳаҳои суғуртавӣ, қарзҳои дохили фирмавиро дар бар мегирад.

Қоғази қимматнок ҳуҷҷате мебошад, ки дорои риояи қоидаҳои барқароршуда ва реквезитҳои ҳатмӣ буда, қоидаҳои моликиятдориро қонеъ мегардонад. Қоғази қимматнок бояд қобилият дошта бошад, ки ба сифати воситаи мустақили пардохт баромад намояд. Қоғази қимматнок бояд барои гардиши шаҳрвандӣ дастрас бошад.

Фани «Бозори байналхалқии қоғазҳои қимматнок» барои донишҷӯёни ихтисоси «Иқтисодиёти ҷаҳонӣ» таъин карда шудааст. Дар курси таълимӣ асосҳои умумии ташкили бозори байналхалқии қоғазҳои қимматнок, намудҳои қоғазҳои дар он мубодилашаванда, субъектҳои муносибати бозорӣ таҳлил крда мешаванд. Бозори байналхалқии қоғазҳои қимматнок аз нуқтаи назари маҷмӯи низоми ягонаи муттаҳидшудаи бозорҳо дида баромада мешавад.

**Мақсад ва вазифаҳои фанн.**

Омӯзиши фанни бозори байналхалкии қоғазҳои қимматнок ва хусусиятҳои амалиётҳо дар ин бозор барои мутахассиси иқтисодиёти ҷаҳон зарур аст. Мутахасиссони ин соҳа минбаъд метавонанд мавқеи мамлакатро дар бозорҳои ҷаҳонӣ мустаҳкам гардонанд. Бо баробари ин дар дурнамо ташаккули бозори байналхалқии қоғазҳои қимматнок дар Тоҷикистон зарурияти тайёр намудани мутахассисонро пеш гузоштааст.

Дар доираи курси махсуси «Бозори байналхалкии қоғазҳои қимматнок» барои донишҷӯён додани дониши назариявӣ ва амалии дар самтҳои зерин мақсадгузорӣ карда шудааст:

- омӯзиши моҳият ва зарурияти пайдоиши бозори байналхалкии қоғазҳои қимматнок;

- таҳлили фаъолияти бозори байналхалкии қоғазҳои қимматноки муосир дар сатҳи миллӣ, минтақавӣ ва байналхалқӣ;

- муайян намудани объекту субъектҳои асосии бозори байналхалкии қоғазҳои қимматнок дар ҷахон;

- омӯзиши амалиётҳои асосии бозори байналхалкии қоғазҳои қимматнок ва механизми гузаронидани онҳо;

- гурӯҳбандии бозори байналхалкии когазхои киматнок;

- усули котировкаҳо ва наргузорӣ дар бозори байналхалкии когазхои киматнок;

- усулҳои асосии суғуртакунӣ (хеджерикунонӣ) аз хатарҳои биржави фондӣ.

**Мавқеи фанн дар низоми таълим.**

Курси «Бозори байналхалқии қоғазҳои қимматнок» аҳмияти предмети «Бозори қоғазҳои қимматнок»-ро ба инобат гирифта, предметҳои пештар аз тарафи донишҷӯён омухташуда ба монанди «Назарияи иқтисодӣ», «Молия», «Муомилоти пул ва қарз», «Иқтисодитёти ҷаҳон», «Муносибатҳои иқтисодии байналхалқӣ», «Муносибатҳои байналхалқии асъорию-қарзӣ» барои омӯзиши ин фан асос мебошанд. Дар навбати худ курси «Бозори байналхалқии қоғазҳои қимматнок» барои омӯзиши чунин курсҳои махсус ба монанди «Менеҷменти байналхалқии молиявӣ», «Молиякунонии фаъолияти берунииқтисодии фирмаҳо», «Баҳодиҳии активҳо дар бозории байналхалқии молиявӣ» низ асос мебошад.

**Талаботҳо оиди сатҳи азхудкунии моҳияти фан.**

Дар раванди омӯзиши фан донишҷӯ бояд:

- оиди назарияи бозори сармоя маълумот дошта бошад;
- асосҳои умуминазариявии сохтор ва ташкили бозори қоғазҳои қимматнокро донад;
- низоми донишро оиди хоҷагии ҷаҳонӣ, ки дар низоми қоидаҳо барои таҳлил ва муқоисакунии маълумотҳо оиди тамоюлҳои инкишофи бозорҳои миллии қоғазҳои қимматнок қабул карда шудаанд истифода бурда тавонад;
- оиди инкишофи нобаробари иқтисодиёти давлатҳо дар хоҷагии ҷаҳони муосир дар шароити ҷаҳонишавӣ маълумот дошта бошад, таҳлили мусбӣ ва манфии натиҷаҳои ин ҷараёнҳоро барои амали гардондан ва инкишофи бозори миллии қоғазҳои қимматнок ва бозори байналхалқии фондӣ тавонад;
- Хусусиятҳои асосии бозори миллии қоғазҳои қимматнокро донад ва оиди баромадани эмитентҳои ватанӣ ба бозори ҷаҳонии қоғазҳои қимматнок маълумот дошта бошад.

**Нақшаи тақвимӣ-мавзӯии таълими фанни «Бозори байналхалқии коғазҳои қимматнок»**

Миқдори умумии кредитҳо: 4 (аз онҳо: 2 кредит барои машғулиятҳои аудитории лексионӣ-назариявӣ; 1 кредит барои машғулиятҳои аудитории амалӣ ва 1 кредит барои корҳои мустақилонаи донишҷӯён)

| № | Номгӯи мавзӯҳо | Миқдори соатҳо | | |
|---|---|---|---|---|
| | | **Машғу-лиятҳои аудито-рии лексионӣ-назариявӣ** | **Машғулиятҳои аудито-рии амалӣ** | **Корҳои муст аќи-лона и дониш-ҷӯён** |
| 1. | Моҳият ва асосҳои ташкилии бозори байналхалқии қоғазҳои қимматнок | 4 | | |
| | Инфрасохтори бозори коғазҳои қимматнок. | | 2 | |
| | Тамоюлҳои инкишофи бозори байналхалқии қоғазҳои қимматнок. | | | 2 |
| 2. | Қоғази қимматнок ҳамчун моли махсус дар бозор | 4 | | |
| | Моҳияти иқтисодии қоғазҳои қимматнок | | 2 | |
| | Моҳияти ҳуқуқии қоғазҳои қимматнок | | | 2 |
| 3. | Намудҳо ва категорияҳои асосии коғазҳои қимматнок | 4 | | |
| | Проблемаҳои назорат ва идоракунии ҷамъиятҳои саҳомӣ | | 2 | |
| | Намудҳои асосии қарордодҳо | | | 2 |
| 4 | Инфрасохтори иттилоотии бозори коғазҳои қимматнок | 4 | | |
| | Захираҳои асосии иттилоотӣ дар бозори коғазҳои қимматнок. | | 2 | |
| | Агентии иттилоотии Bloomberg | | | 2 |
| 5. | Моҳияти бозори Еврокоғазҳо: ҳусусиятҳо ва таркиби он. | 4 | | |
| | Нуктаҳо ва тамоюлҳои рушди еврокоғазҳо. | | 2 | |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| | Вазъияти қарзи хориҷии ҶТ. | | | 2 |
| 6. | Иштирокчиёни касбии бозори байналхалқии қоғазҳои қимматнок | 4 | | |
| | Шаклҳо ва намудҳои инвестисияҳои коллективӣ дар бозори байналхалқии қоғазҳои қимматнок | | 2 | |
| | Амалиётҳои касби дар бозори қоғазҳои қимматнок | | | 2 |
| 7. | Бозори қоғазҳои қимматноки аввалиндараҷа ва дуюмдараҷа | 4 | | |
| | Моҳияти биржаҳои фондӣ. | | 2 | |
| | Таҳлилӣ фундаменталӣ ва техникӣ бозори қоғазҳои қимматнок. | | | 2 |
| 8. | Моделҳои ташклии бозори байналхалқии қоғазҳои қимматнок | 4 | | |
| | Коғазҳои қиматноки бо ипотека таъминшуда: таҷрибаи байналмилалӣ. | | 2 | |
| | Ҳаҷми бозори коғазҳои қиматнок ва динамикаи он, хусусиятҳои сохтори он | | | 2 |
| 9 | Бозорҳои қоғазҳои қимматноки давлатҳои тараққикардаи саноатӣ | 4 | | |
| | Хусусияти бозори қоғазҳои қимматноки давлатҳои тараққикардаи саноатӣ | | 2 | |
| | Модели тшкили қоғазҳои қимматноки давлатҳои тараққикардаи саноатӣ | | | 2 |
| 10. | Бозорҳои миллии қоғазҳои қимматноки давлатҳои иқтисодиёти бозори ташкилкунанда (emergin markets) | 4 | | |
| | Бозори қоғазҳои қиматноки МНИ | | 2 | |
| | Биржаҳои фондии Шанхай ва Шенген. | | | 2 |
| 11. | Ҷараёнҳои интеграсионӣ ва ташкили бозори байналхалқии қоғазҳои қиматок | 4 | | |
| | Проблемаҳои рушд ва ҳамгироии бозори коғазҳои қиматнок дар кишварҳои ИА | | 2 | |
| | Равандҳои интегратсияи бозорҳои асъор байни кишварҳои ИДМ ва ИДМ | | | 2 |
| 12. | Бозори қоғазҳои қимматноки Ҷумҳурии | 4 | | |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| | Тоҷикистон | | | |
| | Вазъи муосири бозори қоғазҳои қимматноки Ҷумҳурии Тоҷикистон | | 2 | |
| | Проблемаҳо ва роҳҳои инкишофи бозори қоғазҳои қимматноки Ҷумҳурии Тоҷикистон | | | 2 |
| | *Ҳамагӣ* | 48 | 24 | 24 |

## БАРНОМАИ ТАЪЛИМИИ ФАН

### Мавзӯи 1. Моҳият ва асосҳои ташкилии бозори байналхалқии қоғазҳои қимматнок.

### А. Машғулияти аудитории лексионӣ-назариявӣ

Низоми сезинагии молиякунонии иқтисодиёт: бюджет, кредит, бозори сармояҳо. Бозори қоғазҳои қимматнок ҳамчун қисми таркибии бозори сармоя. Вазифаҳои бозори коғазҳои қимматнок. Бозори коғазҳои қимматнок ҳамчун сарчашмаи алтернативии молиякунонии иқтисодиёт.

Бозори коғазҳои қимматнок ва сохтори он (модели ғарб). Гурӯҳбандии асосии бозори коғазҳои қимматнок. Бозори аввалиндараҷа ва дуюмдараҷа. Бозори фаврӣ. Инфрасохтори бозори коғазҳои қимматнок. Тамоюлҳои инкишофи бозори байналхалқии қоғазҳои қимматнок.

### Б. Машғулияти аудитории амалӣ

Нақшаи намунавии семинар

5. Сарчшамаҳои ташкили бозори қоғазҳои қимматнок.
6. Зарурияти интишори қоғазҳои қимматнок.

### В. Кори мустақилонаи донишҷӯён

1. Мутоилаи китоби Рынок ценных бумаг / Под ред. Ю.А. Соколова. - М.: Юрайт, 2017. - 384 с

### Рӯйхати адабиёт


1. Гусева И.А. Финансовые рынки и институты. - М.: Юрайт, 2017. - 348 с.
2. Диденко О.В. Фондовый рынок России в условиях санкций запада // Современная наука. - 2016. - № 2. - С. 23 - 26.
3. Ершов М.В., Танасова А.С., Татузов В.Ю. Некоторые тенденции мировой финансовой системы в 2016 г // Пространственная экономика. - 2017. - № 1. - С. 125 - 136.
4. Зеркаль Ф.А., Ханунов А.И. Место России на мировом финансовом рынке // Наука XXI века: актуальные направления развития. - 2017. - № 1-2. - С. 64 – 71
5. Михайленко М.Н. Финансовые рынки и институты. - М.: Юрайт, 2016. - 338 с.

6. Никитина С.П. Мировая биржевая торговля и российский фондовый рынок сегодня // Ученые записки Международного банковского института. - 2016. - № 16. - С. 55 – 62
7. Рынок ценных бумаг / Под общ. ред. Н.И. Березова. - М.: Юрайт, 2018. - 444 с.
8. Рынок ценных бумаг / Под ред. Ю.А. Соколова. - М.: Юрайт, 2017. - 384 с
9. Чеченова Л.С. Функционирование современного фондового рынка: проблемы и перспективы развития // Современная наука: актуальные проблемы теории и практики. Серия: Экономика и право. - 2017. - № 5. - С. 63 - 67.

